Мы тоу 2
Н-38

МАҲБУБА НЕЪМАТЗОДА



# ДУХТАРАКИ БОЗИНГАР

ББК – 84 Тоҷик 7-5
Н – 32

Мусаввир *Олга Шемелина*
Муҳаррир *Шаҳодат Амонзода*

**Н – 32 Маҳбуба Неъматзода. Духтараки бозингар** *(шеърҳо барои хурдтаракон ва хонандагони синфҳои поёнӣ)*, – Душанбе, «Адиб», 2014, 92 саҳ.

ISBN 978-99947-2-283-1

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
17360 4/бел

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
ТОЛОРИ ХИЗМАТРАСОНӢ
БАРОИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ
ХУРДИ МАКТАБӢ

© М. Неъматзода, 2014.

## МАҲИНАБОНУИ МО

Кӣ сӯи ман метозад?
Аз диданам менозад?
Шодон барам кӣ ояд?
Кӣ шеъри ман сарояд?
Маҳинабонуи мо
Нури ду чашми момо.
Мисли худам рӯи кист?
Пайваста абрӯи кист?
Монанди ман дар хона
Кӣ бо қалам дугона?
Намедонед? Гӯям рост,
Маҳинабонуи мост.
Қалам зебад ба дасташ
Усма ба чашми масташ,
Ширин нозу адояш
Форам бувад садояш.
Моро кӣ механдонад?
Аз ғам кӣ мераҳонад?
Намемонад шавем пир
Бошем як лаҳза дилгир.
Кӣ бо рақсу бо ҷавлон
Мекунад моро ҷавон?
Ҷону ҷаҳони момо,
Маҳинабонуи мо.

## БАЗМИ НАВРӮЗӢ

Нағмакунон меравад
Обаки ҷӯбор,
Селаи гунҷишкакон
Дар шохи чинор.
Боз саҳар шукуфон
Чеҳраи хуршед,
Муғҷаи худ во намуд
Навдаи гулбед.
Бар сари шаҳтути пир
Саъва дар наво,
Печида савти хушаш
Дар авҷи ҳаво.
Тоза суруде бикард
Фохта оғоз,
Кафтари даштӣ ба он
Гашт ҳамовоз.
Ҷуфти парасту расид
Хонда тарона,
Рафт суруди баҳор
Хона ба хона.

# ПАДАРҶОН

Падарҷон шумо
Болу пари ман,
Хуршеди рӯзам
Шаб ахтари ман.
Хоҳам, ки сад сол
Бошед сари ман,
Ҳаргиз набинед
Чашми тари ман.
Қиблагаҳи ман
Эй падари ман,
Як дам бишинед
Андар бари ман.
Гӯед маро боз:
– Хуми зари ман,
Беҳ аз сад писар
Гулдухтари ман.

## ДАР САРИ ХОН

Бобоям дар сари хон
Аз ҳама боло шинад,
Момоҷонам ҳамеша
Аз бари бобо шинад.

Падарҷони ман аз рост,
Аз чап шинад модарам,
Паҳлуи модарҷонам
Ҷои ману додарам.

Вале хоҳараки мо
Мешинад аз мо боло,
Медонӣ, ҷояш куҷо?
Сари зонуи момо.



# КОМРОНҶОНИ НОЗДОНА

Комронҷони ноздона
Дар ин хона ягона,
Гирди сари Комронҷон
Аммаҷонаш парвона.

Комронҷони сап-сафед,
Лабакояш барги бед,
Нашавед сери дидор
Рӯ ба рӯяш бишинед.

Комронҷон «инғо» гӯяд,
Яъне ки «тағо» гӯяд.
– Ман омадам ба дунё,
Куҷо шуд савғо? – гӯяд.

Ҳама дӯконраво шуд,
Як хона пур савғо шуд,
«Инғо»-и Комронҷон ҳам
Як пардаҳак боло шуд…

## БОҒИ ШАМОЛ

Ба деҳи Боғи Шамол
Шамол омад аз шимол.
Омад баҳри сайру гашт
Аз сӯи ёлаву дашт.
Шамол омад саҳарӣ
Дар по кавши пар-парӣ.
Шамолак ҳар сӯ давид
Ногаҳ себистоне дид.
Давид он бар-бари боғ,
Даромад аз дари боғ,
Бӯса зад аз рӯи себ,
Шуд мастаки бӯи себ.
Шохаҳоро ҳай ҷунбонд,
Дар шохаҳо себ намонд.
Себаки сурхи рахшон
Ҳар сӯ бишуд парешон.
Рӯи замин яксара
Пур шуд аз себи сара.
Рӯзи дигар ҷӯраҷон
Дар дукон шуд себ арзон.



## ДАРЁБОД

Дарёбод дарё дорад,
Бари дарё ҷо дорад.
То деҳаи Дарёбод
Монад сарсабзу обод,
Ҷорист рӯзу шабон
Дарёи Кофарниҳон.
Дар ин деҳ карда манзил
Садҳо марди дарёдил,
Чун дарё пиру ҷавон
Соҳиби табъи равон.
Ҳар гаҳ равам Дарёбод,
Дил гардад хураму шод.
Як сӯ саҳрои гандум,
Хандон бубинам мардум.
Як сӯ боғи шакарбор.
Девораш аз гули хор.
Аз дари боғ дароям,
Оғӯши худ кушоям.
Шамида бӯи модар,
Бӯсам зи рӯи модар.
Паҳлӯякаш нишинам,
Аз боғаш хурмо чинам.
Модараму Дарёбод
Умре наравад аз ёд.

# ТАНБАЛ

Танбал ду-се бел зад,
Рӯи сабза ғел зад.
Гуфто: – чӣ хуб ғелзанӣ,
Сонӣ кунам белзанӣ.
Ғелиду хобакаш бурд,
Хобакаш тобакаш бурд.
Танбалии бедаво,
То аз танаш шуд ҷудо,
Дид, ки рӯзаш тамом!
Субҳакаш дар дами шом.



## ГУРБАЧАИ МАН

Дорам ман як гурбача
Сафедаки боодоб,
Рӯи кати мулоим
Ҳамроҳам мекунад хоб.

Дар бағалам то саҳар
Хур-хури хур мекунад,
Хастагии танамро
Ба гармӣ дур мекунад.

Мушаш, ки аз дур бинад,
Дир-дири дир меларзад,
Ин хел гурбаи далер
Палав хӯрад меарзад!



# БОБО ОМАД АЗ САФАР

Бар рӯи момоҷонам
Сурхӣ дамид ин саҳар,
Бедарду ғам омадаст
Species Species
Species

Момоҷонам аз шодӣ
– Хуш омадед, бобо! – гуфт,
Species
– Хушвақт бошед, момо!– гуфт.

Ман пурсидам: – Ҳой бобо,
Чӣ овардед баҳри мо?
Гуфт момо бо дилсӯзӣ:
– Азоб надод дарди по?

Додарам гуфт: – Species
Кушоед зуд ҷомадон,
Момо пурсид: – Дар сафар
Шифо ёфт дарди миён?

Species
Савғоҳоро баровард,
Рӯймоли хурду калон,
Species

Раҳоварди беҳтарин
Аз барои момо буд,
Маҳсии амиркоӣ
Баҳри пои момо буд.

Маҳсӣ пӯшида момо
Гуфт: – Сад соли дигар бош!
Бобо гуфто: – Ба сад сол,
Бо ман ту ҳамсафар бош!



# АММАҶОНИ ҶОНОНА

Аммаҷони ҷонона,
Баоред шодиёна.
Бо дӯлчаи пур аз шир,
Бо фаллаю бо фатир
Бароятон ин саҳар
Ман овардам хушхабар.
Бигӯям? Рақсед аввал?
Ман месароям ғазал:
Умбака, ҷон, умбака!
Бак-бака, ҷон, умбака!
Бузғолемон шуд оча,
Зоид ду бузғолача!

## ХОБ ОМАД

Хоб омаду хоб омад
Аз кӯҳи Варзоб омад,
Ба хонемон омад хоб
Бо бӯи гули Яғноб.
Хоб омаду якбора
Даромад ба гаҳвора,
Нӯг-нӯги пои Бону
Оҳиста рафт то зону
Бӯсид ду дасти Бону,
Чашмони масти Бону,
Бӯсид рухи хандонаш,
Ҳатто, аз ду дандонаш.
Ханда ба лаб, рӯ маҳтоб,
Бонуҷонам рафта хоб.

# РАСТАИ ГУЛ

– Духтараки хаймарӣ,
Гул ба куҷо мебарӣ?
– Мебарам дастаи гул
Ба сӯи растаи гул.
Шавад растаи бозор
Аз гули ман лолазор.
Фарёд занам:
– Ҳо, мардум,
Хонетон пури гандум!
Дастагул аз ман харед,
Ба модари худ баред!
Бобоҷон, имрӯз аз гул
Дареғ надор асло пул.
Баҳри момо гул бигир,
Магӯ, ки ӯ шудаст пир.
Гул дида, хандон шавад,
Ба шодӣ ҷавон шавад.
Ҳой ако, ба се танга
Се гул бубар ба янга.
Бигир аз гул ду дона
Ба модарат, дугона!
Дар ёд доред, имрӯз ид
Иди бузургу саид.
Иди ҳама модарон,
Иди ҳама хоҳарон.
Аз ҳамаи тӯҳфаҳо
Гул ҳадяи бебаҳо.

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
17360

## ТУРНА

Турнаяке аз ҳаво
Пар зада, гуфто ба мо:
– Хуш бимонедам ғо-ғо,
Равам хонаи тағо.
Гуфтам: – Хонаи тағот
Дар шаҳр ё дар боғот?
Зимистон гуфт: – хонеш дур
Дар кишвари Сингапур.
Гармо, ки оғоз шавад
Ҳаво гарму соз шавад.
Тағом назди мо ояд,
Шаҳри Бухоро ояд.
Дар мавзеи «Чор манор»
Дорад хонаи тайёр.
Ҳоло, ки навбаҳор аст,
Ҷои ӯ Қандаҳор аст.



# КОНСЕРТ

Дойиразан шуд Нигор
Саҳна сояи чанор.
Пешу бари ҷӯйбор,
Тамошобин шуд қатор.
Дар дастонам зангӯла,
Дар сарам чанбари гул.
Камзӯли махмал ба бар,
Пӯпакчаҳо дар кокул.
Рақсидаму рақсидам,
Покӯбону сарҷунбон.
Гоҳе товус мешудам,
Гоҳе кабки хиромон.
Ҳайфо, ки хаста гардид
Дастакони Нигора,
Охир, ҷои дойира
Менавохт ӯ тағора.

## БИБИҶОНИ САДСОЛА

Лентаи ранга ёфта,
Кокулчаҳоро бофта,
Куртаҳои нав ба бар,
Тоқиҳои нав ба сар.
Дастархону халтатӯр
Аз тӯҳфаҳо карда пур,
Меравем давон-давон
Ба ҳавлии бибиҷон.
Ҳавлияки бибиҷон
Пур мешавад аз меҳмон.
Охир, мо даҳ нафар не.
Ҳатто понздаҳ нафар не.
Мо шаст нафар набера,
Чилу дуто абера,
Сию сето чабера,
Бисту якто кабера.
Бибиҷони меҳрубон
Пир не, тамоман ҷавон.
Вақти гулаки лола
Нав мешавад садсола.

# ГИРЯ КУНАМ, Ё КИ НЕ?

Пешипо хӯрда ба санг
Ногоҳ афтидам.
Нигоҳ карда ба атроф,
Касе надидам.

Э, куҷо рафта бошад
Модарҷони ман?
Кай аз кораш меояд
Падарҷони ман?

Ҳатто, наменамояд
Хоҳарам Тобон!
Гиря кунам, ё ки не,
Мондаам ҳайрон.

## КИШТИЧА

Шино кун, шино
Киштичаи ман!
Рӯ-рӯи дарё,
Киштичаи ман!

Мову ту равем,
Ба ҷоҳои дур,
Саёҳат кунем
Саёҳати зӯр.

Аввал биравем
Ба шаҳри Хуҷанд,
Сонӣ – Бухоро
Сонӣ – Самарқанд!

Киштичаи ман,
Чӣ гап шуд туро?
Кам шавад, чаро
Обаки дарё?

Беҳуда набуд
Дилакам хиҷил:
Сӯрохӣ доштаст
Дар тагаш сатил!..

## БЕҲУНАР

Пеш аз ҳама аз хобаш
Нонводухтар мехезад,
Дасту рӯяшро шуста
Аввал ӯ орд мебезад.

Бо хаёли шеъри нав,
Шоира хезад аз хоб,
Духтараки шоҳибоф
Сӯи кор созад шитоб.

Духтараки донишҷӯ
Китоб хонад аз саҳар,
Зардӯзи моҳир ба шавқ
Медӯзад тоқии зар.

Лек духтари беҳунар
Ҳайрон аст ба чӣ кӯшад,
Сақич харад аз бозор
Сари кӯча фурӯшад.

## УСТО ХУРШЕД

Гаҳвораи Зарнигор
Дорад сад нақшу нигор,
Нақши боғи пур аз гул,
Нақши лолаву сунбул.
Ҳатто дорад гаҳвора
Нақши маҳу ситора.
Онро сохт усто Хуршед
Аз чӯби дарахти бед.
Дар хонадони Шумо
Тифле ояд ба дунё,
Аз барои гаҳвора,
То нашавед овора
Тағоҷон, оед давон
Ба деҳи Боғи Майдон.
Номи ин устои зӯр
Дар деҳаи мо машҳур.
Усто Хуршед-дуредгар
Даҳ ангушташ – даҳ ҳунар,
Ӯ гаҳвора месозад,
Деҳа аз ӯ менозад.



## ГИЛАҲОЯТ БА ДИДА

Шом холакалон омад,
Рӯи дасташ нон омад.
Ӯ ба мисли модарҷон
Аз дар даромад хандон.
Бӯсида аз рӯи мо,
Аз чашму абрӯи мо,
Кард аз модарам гила,
Ҳай гилаву ҷингила.
Гилаҳоят ба дида,
Холаҷони ранҷида.
Ғамгин машав, холаҷон,
Худам, ки гаштам калон
Шому саҳар мебинӣ,
Меравам холабинӣ.

## ДАВОМИ УМРИ МОДАР

Орад ҳавойи намнок
Бар димоғам бӯйи хок.
Бӯяки хоки Ватан
Беҳ аз сад мушки Хутан.
Хоки Ватан дармонам,
Дармони дарди ҷонам.
Ба хирмани тило ҳам,
Ба садҳо боғи Ирам,
Ҳаргиз намедиҳам ман
Қабзаи хоки Ватан.
Зеро дар оғӯши хок,
Дар оғӯши хоки пок
Модарҷони ман хуфта,
Дарди дилаш ногуфта,
Модари Бедилхонам
Ҷони розаш медонам.
Давоми умри ӯям,
Мислаш ғазал мегӯям.

## ЧАШМОНИ БОДОМ

Аммаҷонам чун додом
Дорад чашмони бодом.
Додом барин сабзина,
Диле дорад бекина.
Мисли додом серханда,
Хандаҳояш зебанда.
Додом барин хушрӯй аст,
Додом барин сермӯй аст.
Додом барин вай духтур,
Духтури моҳиру зӯр.
Гар шавӣ дарди дандон,
Рав ба пеши аммаҷон.

# ДУХТАРАКИ БОЗИНГАР

– Ин духтар парӣ бошад?
Ё кабки дарӣ бошад?
– Не, не.
– Як пораи моҳ аст ин?
Чароғаки роҳ аст ин?
– Не, не.
– Товуси Боғи Тилост?
Ё аз Боғи Дилкушост?
– Не, не...
– Рӯи саҳна шуд давон.
Оҳуяки Мӯлиён?
– Не, не.
-Гулмоҳии Варзоб аст?
Шамолаки Яғноб аст?
– Не, не.
– Маликаи хубон аст,
Аз деҳи Зарафшон аст?
– Не, не.
– Дилҳоро бурд ба як бор,
Ин бозигар аз Ҳисор?
– Не, не.
– Нозу адояш ширин,
Як шохаи набот ин?
– Не, не.
– Пас гӯед ин духтар кист?
Духтари бозингар кист?
– Номи духтар Фаттона
Аз деҳи Кафтархона.

## САЛОМ

Саҳар бихезам зи хоб,
Пештар аз офтоб.
Аввал шуста дасту рӯ,
Шона занам ман ба мӯ.
Сонӣ, ду даст пеши бар
– Салом, – гӯям ба модар.
Бигӯям аз дилу ҷон
– Салом, салом, бибиҷон.
– Бобо, салом, – бигӯям,
– Додо, салом, – бигӯям.
Ҳар гаҳ ба мактаб оям,
Шодӣ зи дил намоям,
– Салом, – бигӯям шодон
Бар ҳамаи устодон.

## НАХӮДБИРЁН

Ҷои кори дадоям
Бошад сари оташдон,
Саҳар то шом мепазад
Дадоям нахӯдбирён.

Ман бачаи танбал не,
Паҳлӯи модар шинам.
Мисли ӯ бо чолокӣ
Нахӯди ғелон чинам.

Ваҳ-ваҳ аҷаб хушмазза,
Хушбӯ нахӯди бирён!
Гоҳе на сӯи лаълӣ,
Нахӯд равад бар даҳон.

## ДАВРИ ШУМО МЕГАРДАМ...

Байни ҳама бибиҳо
Бибиҷонам бебаҳо.
Бибиҷони бедардам,
Даври шумо мегардам.

Шумо гули беҳорам,
Аз ҳама кас ғамхорам.
– Ин қадар хониш дорӣ,
Ҷонам, чӣ хоҳиш дорӣ?

– Бибиҷони якдона,
Пул бароред аз хона,
Ба ман харед аз дӯкон
Ҳамели пистабирён.

# ПАРВИН

Қурси ҳарранга ширин,
Қанди парварда ширин,
Обаки набот ширин
Қанду қандалот ширин.

Аммо аз қурсу набот
Аз сад қуттӣ қандалот,
Хоҳари ҷонам, Парвин,
Суханҳои ту ширин.

## РӮЗНОМА

Рӯзномаашро
Карда тамошо,
Тира мегардид
Табъи Зулайхо.
Аз баҳои «панҷ»
Надорад нишон,
Аммо чу мӯрча
«Ду»-ҳо фаровон.
Пагоҳ аз сафар,
Меояд падар,
Албатта, аз ин
Меёбад хабар.
Баҳона бисёр,
Гиряаш тайёр,
Ҷӯяд халосӣ
Аз «ду»-и қатор.
Фикри аҷибе
Омадаш ба сар,
Бишкуфта аз шавқ
Чун лолаи тар.
Ӯ варақҳои
«Ду»-дора, даронд,
Рӯзнома чӣ шуд?
Муқоваааш монд!



## ЗЕВАР

Омада буд ин баҳор
Аз тарафи Қандаҳор
Ҳамраҳи бобои худ,
Ҳамраҳи момои худ,
Духтари уштурсавор,
Уштуракаш пур зи бор.
Куртаи ӯ махмалин,
Махмали сурхи маҳин,
Даври гули доманаш,
Домани пироҳанаш
Тангаи рангин қатор,
Ҳалқаи симин қатор.
Занҷираи гарданаш
Зеб диҳад бар танаш.
Пӯпаки мӯяш базеб,
Холаки рӯяш базеб.
Ҳалқаи заррини ӯ,
Домани чин-чини ӯ
Ҳусни варо мефузуд,
Чашми маро мерабуд.
Рафтаму бе ҳеҷ ибо
Зуд шудам ошно:
Номи ӯ Зевар будаст,
Духтари заргар будаст.

# ҒАМХОРӢ

– Во пояме, во поям,
Нолиш кунад бобоям.
Момо гӯяд: – Во, ҷонам,
Хам нагардад миёнам.
Аз нолиши бобоям,
Аз нолиши момоям,
Зиқ шудаму хобидам,
Мисли онҳо нолидам.
Ҷаст аз ҷояш бобоям,
Сӯям омад момоям.
Гуфтанд: – Ҷон фидоят,
Дард мекунад куҷоят?
Ба мо занад балоят,
Ҳозир ёбем давоят.
Зуд овард аз бароям
Чою асал бобоям.
Момоҷонам дав-давон
Овард шири ҷӯшон.
Хеста тоқӣ пӯшидам,
Асалчойро нӯшидам.
Табассум бобоям кард,
Табассум момоям кард.
Гирифтандам ба оғӯш,
Дардашон шуд фаромӯш.

## ҶАНГАРА

Самарқанда обаш нағз,
Ҷангарая хобаш нағз.

Бедор шавад ҷӯяд ҷанг,
Дили ҷангара аз санг.

Зиқ шавад ӯ хап шинад,
Бе ҳарфу бегап шинад.

Мисли хурӯси куланг
Тайёр бувад ӯ ба ҷанг.

Сих мекунад мӯҳоша,
Чин мекунад рӯҳоша,

Чашмонаш шавад ало,
Бача не, вай як бало.

Номаш гӯям? Ҳай, ҳай, ҳай
Охир, метарсам аз вай.

## ТАНГАБОҒ

Деҳаи мо – Тангабоғ,
Танга ба ҳар боғу роғ.
Дашту даман тангазор,
Тарфи чаман тангазор.

Субҳ, ки борон шавад,
Танга фаровон шавад.
Тангаи зебо бубин,
Зевару тилло бубин.

Донӣ, ки ин танга чист?
Тангаи хушранга чист?
Қоқуи хандонак аст,
Заррину рахшонак аст!

## ТОҚАХӮР

Ҳарфе нагуфта Салмо
Гузашт аз паҳлӯи мо.
Ранҷида бошад чаро?
Бад дида бошад киро?

Дирӯз баъди бозӣ,
Аз мо бирафт розӣ.
Бо вай чӣ ин саҳар шуд,
Авзои вай дигар шуд?

Нотоб гашта бошад?
Бехоб гашта бошад?
Ман аз паяш давидам,
Наздики ӯ расидам,

Бинам: дугонаи мо,
Дар пушти хонаи мо,
Писта шикаста мехӯрд,
Танҳо нишаста мехӯрд.

## МАНЗАРА

Дар байни сабзазорон
Се дона лола рӯйид,
Бузғола тозон омад,
Онҳоро диду... бӯйид.

Маймуне бачаашро
Кард ба пушташ савор.
Пар мехоҳад кушодан,
Чӯҷаи мурғи чипор.

Хирсаке аз панҷара
Каллаи худ бурун кард,
Аммо надонад, чӣ сон
Онро бояд дарун кард.

Харгӯшак инро дида,
Ханда занад қоҳ-қоҳ,
Ғелида рӯи сабза
Кулчача меравад роҳ.

Хоҳад давидан оҳу,
Вой, варо пой нест.
Пойи варо чун кашам?
Дар варақам ҷой нест.

## ЗОДРӮЗ

Оростаам ин бегоҳ,
Шинам ба ҷои дилхоҳ,
Нагӯяндам: – «Парвона,
Айба медонӣ ё на?
Хез аз ҷоят, шин поин,
Ҷоятро дониста шин».
Ҳар қадар суруд донам,
Ман аз як сар мехонам.
Туҳфа доданд бароям,
Ду амма, се тағоям.
Сухани ман мегӯянд,
Шодии ман меҷӯянд,
Бибем гӯяд: – «Момо шав,
Бадавлат мисли мо шав».
Холем гӯяд: – «Хола шав,
Яксаду бистсола шав».
Гоҳ бобо рақсад бо ман,
Гоҳ додо рақсад бо ман.
Фархунда бод рӯзи ман,
Ин шоми зодрӯзи ман!

## ШАКАРДАРА

Тути балхии ширин
Таъму бӯ асал барин.
Бӯи чӣ дорад асал?
Бӯи гулҳои ҷангал.

Аз гул бӯи чӣ ояд?
Шодии дил физояд.
Гул бӯе дорад сара,
Ин бӯи Шакардара.

Шакардара деҳаест
Мислаш рӯи дунё нест.
Ин деҳи боғу бӯстон
Дидам дар Афғонистон.

# АЙЁМИ ИДИ НАВРӮЗ

Рӯзи иди модарон
Чаро боридӣ борон?
Айёми иди «Наврӯз»
Боридӣ се шабу рӯз.
Бас, акнун дигар набор,
Боронгарӣ шуд бисёр.
– Не, не! Бимон, ки борам,
Ман кори беҳад дорам.
Меборам то ҷав расад,
Зуд вақти дарав расад,
Фаровон шавад гандум
Дар роҳат бошад мардум.
Борам, то дар кӯҳсорон
Рӯяд ревоҷу торон,
Занбӯруғ шавад қатор
Дар канори бешазор,
Бари қоқую ҳулбӯ
Сабза дамад лаби ҷӯ.
Лола, ки рӯяд ба бом,
Кори ман шавад тамом.

## ИДИ РАМАЗОН

Омад иди Рамазон
Дар бозор ҳалво арзон.
Бобоҷон, баъди намоз,
Ҳалво оред ба мо боз.

Ба ман харед, ҷон бобо,
Кулчаи «Кунҷидҳалво»,
Аз барои Дурдона
Ҳалвои «Мағзи дона».

Гиред барои момо
Ҳалвои «Лавз» як кило,
Зеро ки мебинад нағз
Момоям ҳалвои «Лавз».

## МӮЛИЁН

Пурсидам аз Гулистон
– Боғча хуб ё дабистон?
Гуфт: – Ҷои хуб Мӯлиён,
Ҳавлияки бобоҷон.

## ҶОНОНА

Дар сояи дӯлона,
Дар арғунчак Ҷонона.
То пашшаҳои беор,
Ӯро накунанд бедор,
Гирди сари Ҷонона,
Бибиҷонам парвона.
Ҷонона агар хобад,
Ҳама осоиш ёбад.
Низора шӯрад хамир,
Очаам пазад фатир.
Дег мешӯяд Ситора,
Ман сабзӣ кунам пора.
Ҳама шавем паи кор,
Эҳ, кор чӣ қадар бисёр!
Агар хезад Ҷонона,
Мемонад кори хона.
«Ар-ару-ар» сар шавад,
Бибем дарди сар шавад.

## ТӮТИГУФТОР

Лола китоб мехонад
Ҳай бошитоб мехонад.
Мехонад мисли булбул
Бе нуқтаю бе вергул,

Чун ровии сухандон,
Мехонад аҷаб равон.
Варри-варрос мехонад,
Шарри-шаррос мехонад.

Лек пурседаш аз мазмун,
Ҳолаш шавад дигаргун,
Лолаи тӯтигуфтор,
Аз гап монад баякбор.

## ҲАЙ, БОРАКАЛЛО!

Рафтам дирӯз меҳмонӣ
Ҳавлии бобо,
Як лаҳзаяк нишастам
Пешаки момо.

Бо хокистар бишустам
Чойҷӯши момо,
Покиза кардам аз гард
Ҷевони бобо.

Тубакҳои пур аз гул
Бурдам ба берун,
Шишаи тирезаро
Шустам ба собун.

Шуд хонаи момоям
Равшану зебо,
Момоям гуфт: – Офарин,
Ҳай, боракалло!

Бобоям баъди пешин
Омад аз масҷид,
Чун маро дид дар ҳавлӣ
Аз шодӣ хандид.

Оғӯшашро кушода,
Ба сӯи ман тохт,
Даромада ба хона,
Хонаро нашнохт.



## ШУКРОНА

Шукри пои равонам
Ду пояки давонам.
Шукри ду чашми бино,
Шукри ду дасти гиро.

Шукри тани бедардам,
Дили поки бегардам.
Шукри рухи гулобӣ,
Ин рӯзаки офтобӣ.

Чун бароям аз хона,
Гӯям садҳо шукрона.
Шукронаро ҳар саҳар
Омӯхтаам аз падар.

# КОРВОНИ ҶОНВАРОН

Корвон омад бе шутур,
Шаҳри мо аз ҷои дур.
Гуфтам: – Амаки сорбон,
Чиҳо дорад ин корвон?
Гуфто ки: – Бо чил мошин
Аз сӯи кишвари Чин,
Овардем бо корвон
Боғи пури ҷонварон.
Хирсу гурги Амрико,
Кенгуруи Африқо,
Ду гавазни шохчанбар,
Шаш маймуни бозигар,
Мору тазарви даштӣ,
Филу гурбаи ваҳшӣ,
Оҳуи бодпо дорем,
Ҳар чӣ хоҳӣ, мо дорем...
Ҳой бачаҳо, шитобед,
Аз тамошо намонед!
Боғи мо боғи сайёр,
Як ҷо надорад қарор.
Дар Исфара меҳмонем,
Ин ҷо сӣ рӯз– мемонем,
Сонӣ мегардад равон,
Корвон ба сӯи Эрон.
Ҳар кас набинад ин боғ,
Мемонад бо дили доғ.





# ДАР РОҲ

Аз роҳи Сӯзангарон
Танҳо будам ман равон.
Ногаҳ омада ба шаст
Ба сарам зад бо ду даст.
Сипас бизад ба рӯям
Ба чашму ба абрӯям,
Бизад ба поҳои ман,
Ба кафши зебои ман.
Аммо ман наранҷидам
Ба зери лаб хандидам.
Зеро ки баҳорон буд
Он чӣ мезад, борон буд.



## ХОН КИТОБ

Гӯш бидеҳ дугона,
Гӯям ба ту тарона.
Хоҳӣ, сад ғазал гӯям,
Саду як матал гӯям.
Қисса гӯям беҳисоб,
Ҳамаи ин аз китоб.
Китоб баҳо надорад,
Ғам аз дилҳо барорад.
Як китоби пурмаъно,
Беҳ аз як доман тило.
Китоб хонӣ, доноӣ,
Аз ҳама кас болоӣ.
Дугона, ту ҳам биштоб,
Бекор нашин, хон китоб.

## «ЁРӢ»

Муаллима бипурсид
Аз ҳамсинфи мо Қобил:
– Ку, бинамо ҳикоя
Чи кор кардӣ дар таътил?
– Ёрӣ додам ба очам,
Кораша кардам осон,
Цеғ назада, омадам
Ман ба сари дастархон.

## АФСОНА

Аз оинаи нилгун
Холаяки меҳрубон,
Ҳар шаб афсонаи нав
Гӯяд барои моён:

– Гурге дар беша мегашт
Гуруснаву хашмолуд,
Харгӯшбачаро хӯрда,
Пайи худро гум намуд.

Оҳ, бечора харгӯшак,
Харгӯшаки бечора,
Беҳуда ӯ ба бозӣ
Гардидааст овора.

Шояд ки очахаргӯш
То ҳол ӯро мекобад,
Ба умеде ки охир,
Харгӯшакро меёбад...

Нисфи шаб асту аммо
Хоби ман намеояд.
Пеши чашмам ҳар лаҳза
Афсона менамояд.

Холаи меҳрубонам,
Холаи афсонагӯй,
Пагоҳ аз барои ман
Афсонаи дигар гӯй.

Хоҳам дар он афсона
Офтоби хандон бошад,
Гургу харгӯши зебо
Ёру меҳрубон бошад.

# БОРОНИ БАҲОРӢ

Шибир-шибир меборӣ.
Аз бому дар мешорӣ,
Бо қатраҳои нармат
Ба ман чунон мефорӣ.

Ваҳ, чӣ хуш тоза шустӣ
Раҳраву гулу гулзор,
Барги ҳама дарахтон
Тоза кардӣ аз ғубор.

Шишаҳои тиреза
Шуд пурҷилою рахшон,
Рӯи ҳавлӣ озода,
Наёбӣ гарде дар он.

Эй борони баҳорӣ,
Зуд-зуд бибор, илтимос,
То шавам ҳар бегоҳӣ
Аз ҳавлирӯбӣ халос.

## МЕҲРУБОН

Хоҳарамро бибиҷон
Номаш гуфто Меҳрубон.
Меҳрубон абрӯкамон,
Меҳрубон ороми ҷон.
Рӯякаш моҳи тобон,
Мӯяш сиёҳи печон,
Лабҳо ҳамеша хандон,
Дандонаш дурру марҷон.
Э, мебахшӣ, Меҳрубон
Надорад ягон дандон.
Аз барои қофия
Байте гуфтам ногаҳон.

## ОРЗУИ СОЛИНАВӢ

Арчаи сабзу зебо
Истода рӯи хона,
Хурду калон ба давраш
Ба бозии даврона.

Арчаи моро бинед,
Чӣ хуш медиҳад ҷило.
Сар то ба пояш имшаб
Гӯё шудаст аз тило.

Рӯйи мизи идона
Меваю қанди бисёр
Меҳмонону мизбонон
Ҳама шоду бахтиёр.

Ғаме ба дил надорад,
Очаҷони меҳрубон.
Ҳатто ӯро сари дег
Мебинӣ ту ғазалхон.

Чи хуш, намекунад дард
Имшаб пойи бибиҷон.
Бибиҷони садсола
Мерақсад шоду хандон.

Аз шодӣ ман дар ҷоям
Шишта наметавонам,
Дар васфи ту, Соли Нав,
Шеъру тарона хонам.



# БАҲОР

Буд замини нозанин,
Дар хоби масту ширин,
Ба хоби ӯ даромад:
«Аз фалак мефаромад
Рӯ-рӯи абри баланд
Савори аспи саманд,
Рӯмоли сараш-лола,
Куртаи бараш-лола,
Ҳалқаи гӯшаш қоқу,
Дар бару дӯшаш қоқу.
Райҳон ба банди мӯяш,
Гули шукуфта рӯяш,
Арӯси баҳор ояд,
Ба мулки Ҳисор ояд.
Бидида рӯи баҳор,
Шамида бӯи баҳор,
Бо дилаки беқарор
Замин шуд охир бедор».
Он субҳаки зимистон
Аз хоки кӯҳсорон,
Аз бехи санги хомӯш
Сар зад гули сияҳгӯш.

## ТАРОНАИ МАШҲУР

Заррофа афсона гуфт,
Заррофача даррав хуфт.
Очахаргӯш алла хонд.
Бачаякашро хобонд.
Сагча баъди давутоз
Рафт ба хобаки ноз.
Танҳо дар ин шаби тор
Қурбоққаест бедор,
Шикамчааш ҳай таранг
Саҳначааш рӯйи санг,
Бе ғижжаку бе танбӯр
Месарояд:
– Қурр– у-қурр...
Таронаи «Қурр-у-қурр»
Дар беша ҳаст машҳур.
Зеро ки ин тарона,
Таронаи ягона,
Аз бобои қурбоққа,
Аз момои қурбоққа
То ин замона мондаст,
Ба ӯ нишона мондаст.





## ХОНАИ НАВ

Аз поликони моён,
Шаҳрам ҳама намоён:
Ана, ҳайкали Сино.
Ана, Хонаи кино,
Хиёбоне чӣ зебо
Ба номи Саъдӣ-бобо.
Мана гулгашти Ҳофиз,
(Куҷо шуд «Хишти Ҳофиз»[1]?)
Дӯкони шоҳӣ бинам,
Дӯкони моҳӣ бинам.
Сад раставу хиёбон
Бинӣ аз рӯи айвон.
Хоҳӣ, созӣ тамошо,
Тамошои шаҳри мо,
Вақти таътил ҷӯраҷон,
Биё, бишав ту меҳмон.
Хонаи моро кобӣ,
Ба осонӣ меёбӣ.
Аз ҳамаи хонаҳо,
Ҷӯраҷон, бовар намо,
Хонаи мо бошукӯҳ,
Расад то қуллаи кӯҳ.
Ҳабдаҳ ошёна дорад,
Сесад дар хона дорад.
Дари ҳама хонадон
Кушода баҳри меҳмон.

---

[1] Ишора ба ҳикояти «Хоҷа Ҳофиз ва хиштрез».

# МАРҒУЛАКОКУЛ

Дугона гаштам
Дар шаҳри Кобул,
Бо духтаре шӯх –
Марғулакокул.
Рӯяш гандумӣ,
Мижгондароз аст,
Нигоҳаш равшан,
Бо шарму ноз аст.
Ҳамчун ду лола
Бо ҳам монандем,
Тарона дар лаб
Ҳар ду механдем.
Бошад ҳамоҳанг
Номи ваю ман,
Чаман исми ӯст,
Номи ман Суман.
Нозем, ки як аст
Лафзи модарӣ,
Сухан бигӯем
Ба лафзи дарӣ.

## ДӮСТӢ

Ҳар шаб гирифта хома,
Шаҳрӣ нависад нома.
Ба Зебои рӯшонӣ,
Гулшани зарафшонӣ,
Ба Ҳюстон – баҳри Лорен,
Сӯи Лондон ба Морен,
Ба Париж – ба Монико,
Ба Токио – ба Тсу Бо,
Ба Минои кобулӣ,
Ойгули истамбулӣ...
Дар ҳама кунҷи дунё
Дорад ӯ дугонаҳо.
Аммо чӣ гӯям, Шаҳрӣ
Бо ҳамсинфонаш қаҳрӣ.

## САБЗИКОР

Ба дидани Гулнигор,
Рафтам деҳи Сабзикор.
Гуфтам аз ном аён аст
Сабзияш фаровон аст.
Гаштам саропои деҳ,
Рафтам ҳама ҷои деҳ,
Ин сӯй дидам пахта,
Он сӯй дидам пахта.
Пахта дар миёни боғ,
Пахта дар канори роғ,
Назди дабистон пахта
«Пахта, пахта, ҷон пахта».
Надидам кони сабзӣ
Ному нишони сабзӣ,
Аҳли деҳи Сабзикор
Сабзӣ харад аз бозор.

## ХОВАР

Тугмаҳояш дар ҷояш,
Озода кафши пояш,
Аҷаб ки дар пироҳан
Надорад доғи равған.

Дар шими ӯ гарде нест
Бачаи озода кист?
Намеояд боварам,
Ки ин писар Ховарам.

– Бовар кунед, очаҷон,
Ман писари шумоям,
Ин шиму куртаи нав
Ҳозир овард дадоям.

# ХУДБИН

Баҳояш аъло
Аз ҳама фанҳо,
Аммо мегардад
Доимо танҳо.

Тоза китобу
Тоза дафтараш,
Дӯсте надорад
Аммо дар бараш.

Нагардад касе
Аз диданаш шод,
Сад рӯз наояд,
Кас накунад ёд.

Зеро ки хело
Худбин аст Хушнуд.
Ҳамеша бошад
Ӯ дар ғами худ.

Сардори ин синф
Худам мегӯяд,
Дар Маскав баҳор
Будам мегӯяд.

– Дар синф танҳо ман
Аълочӣ, – гӯяд.
– Бар дугиракҳо
Корам чӣ? – гӯяд.

## ТОБОН

Мӯяки Тобон
То бари домон,
Рӯяки Тобон –
Себаки Рӯшон.

Холи сиёҳаш
Донаи себ аст,
Ҳамчу ниҳолак
Қаддаш базеб аст.

Мисли шакарсеб
Гапакош тобон,
Гапи ӯ форад
Бар дилу бар ҷон.

Аз рӯяш ояд
Бӯи гули себ,
Аз мӯяш ояд
Бӯи гули себ.

Кош ҳозир аз дар
Дарояд Тобон,
Аз боғаш орад
Себаки хубон.

## БОДИ ХУШИ ТОБИСТОН

Мевазад аз дуродур
Боди хуши тобистон,
Ҷонро мебахшад ҳузур
Боди хуши тобистон.

Бӯи ҳандалак орад
Аз полези бобоҷон,
Аз ҳавлии ҳамсоя,
Бӯи ҷуворибирён.

Боди хуши тобистон,
Бар дидаҳо хоб орад.
Ларзонад шохаҳоро,
Борони мева борад.

## ЭРКАТУЛФОР

Нимарӯз аз дарвоза
Дарояд Даврон,
Шимаш олудаи хок,
Бинӣ овезон.

Портфелро партояд
Ба рӯи долон,
Ҳар сӯ китобу қалам
Гардад парешон.

Гарданбанди ранголуд
Ба киса монад,
Тоқӣ гирифта аз сар,
Ба саг пӯшонад.

Борониро овезад
Ба шохаи нок,
Куртаи сафедашро
Ба навдаи ток.

Мӯзаи чиркини худ
Сӯе андозад,
Дигар накарда шимро,
Ба кӯча тозад.

Аз ҳоли Даврон пурсед
Ба вақти саҳар,
Дар ҷевон аз либосаш
Наёбад асар.

Домони куртаашро
Сагча хоида,
Дар рӯи пали кашниз
Тоқӣ хобида.

Шими дар мех овезон
Ба лой олуда,
«Дер шуд» гӯяду резад
Оби ду дида.

Тоза карда шимашро
Модар пӯшонад,
Бо уту бибиҷонаш
Тоқӣ хушконад.

Хоҳарчааш мӯзаро
Оварад тозон,
Мӯзааш пур, лаболаб
Аз оби борон.

Аз паи яккаписар
Дар ин хонадон,
Ҳам шому ҳам пагоҳӣ
Ҳама саргардон.

## БО ҲУСНИ ДЕҲ МЕНОЗАМ

Деворҳои деҳа
Аз гулбеду шамшод аст,
Номи деҳи тағоям
Деҳаи Дарёбод аст.

Роҳи деҳа дароз аст,
Аз ду фарсах зиёда,
Вале хоҳам ба он ҷо
Доим равам пиёда.

Роҳи дарози деҳа
Аҷаб манзара дорад,
Киштаҳои ҳосилхез,
Боғоти сара дорад.

Раҳравон аз хусни деҳ
Мефахраму менозам,
Дил мехоҳад сароям
Бо тамоми овозам.

## ШАҲЛО

Коре агар фармоед,
«Не» намегӯяд асло,
Ҳатто аз кори душвор
Рӯ наметобад Шаҳло.

Дидадаро, рамузфаҳм,
Духтари доно Шаҳло.
Ба меҳнатдӯстии худ
Ба дидаҳо ҷо Шаҳло.

Фахрида гӯяд бибеш:
– Шаҳло монанди худам,
Дар ҷавонӣ мисли ӯ
Духтари чаққон будам.

Падар гӯяд: – Шаҳлоҷон
Як дам бекор нашинад,
Умракаш шавад дароз,
Дасташ дардро набинад.

Аммо аз Гулрӯтанбал
Норозӣ хурду калон,
«Ин ба кӣ рафта бошад»
Гуфта мешаванд ҳайрон.

## ҶӮРАҲО

Рақами «Як» танҳо буд,
Дар дафтари Барно буд.
Рӯи сафҳаи холӣ
«Як» буд дар аҷаб ҳоле:
Танҳо дар рӯи варақ,
Меларзид дарақ-дарақ.
Ӯ бекасу бе ҳамроҳ
Ҳар лаҳза мекашид оҳ.
Бо кӣ кунам гуфт бозӣ?
Хандаю сарфарозӣ?
Хуб шуд, ки Барно омад
Ба танаш ҷон даромад.
Пушти «Як» навишт Барно
Панҷ сифри гирду зебо.
Он лаҳза «Як» бо ёрон
Бар дида шуд намоён.
Шуд рангу бораш дигар
Фахру виқораш дигар.
Акнун ӯ буд дар қатор
Чун аскари парчамдор,
Зеро «Як» он «Як» набуд,
Тоқу танҳояк набуд.
Бо ҷӯраҳои бисёр,
«Як»-и мо шуд Садҳазор.

## ШОҲПАРАК

– Шоҳпари гапдароям,
Чӣ овардӣ бароям?
– Бароятон очаҷон,
Аз деҳи Наварӯсон
Гашта-гашта рӯйи гул,
Овардаам бӯйи гул.



# ХОҲАРАКАМ НОЗАНИН

Гирифтам бори аввал
Хоҳаракамро бағал.
Оғӯшам пури пур шуд,
Гӯё ки ғарқи нур шуд.
Хоҳараки ширмастам,
Хобида рӯи дастам.
Бо муҳаббат ман ӯро
Менамоям тамошо.
Гӯям: «Номи ман Доро
Салом, хоҳараки мо!»
Ба рӯяш монда рӯям,
Мисли гул ӯро бӯям.
Ояд бар димоғи ман
Бӯи гули ёсуман,
Чӣ бӯе дорад ширин
Хоҳаракам Нозанин
Хоҳаракам дар дастам
Аз гули рӯяш мастам.

## ТАЭКВАНДО

Бо як зарбаи Доро
Сино ғелид рӯболо,
Аз болои миз гулдон,
Парид рӯи дастархон.

Пас Доро бо чолокӣ,
Боҷаҳлу бо бебокӣ.
Гоҳ ба чапу гоҳ ба рост
Лагад зад ҳар ҷо, ки хост.

Хӯрд лагади обдор,
Шишаи телевизор.
Лӯла ғелид аз тахмон,
Ларзид дар ҷояш яхдон…

Нашносам ман ин Дорост?
Набераи хуби мост?
Чаро имрӯз ҷанг ҷӯяд?
«Сино биё, ҷанг» гӯяд?

Ногаҳ дид ки ҳайронам,
Дар хона ман меҳмонам.
– Бибиҷон,– гуфто Доро,
– Дорам машқи Таэквандо.



## ХОРПУШТ ВА САНҶОБ

Дар пушт халтаи дон
Хорпуштаке буд равон.
Санҷобаке ӯро дид,
Шодон ба сӯяш давид.
Гуфто: – Рафтем, ҷӯраҷон,
Назди рӯди Зарафшон.
Ғелида дар офтоб,
Худро диҳем обутоб.
Гуфт хорпушти пурзаҳмат:
– Ку вақти истироҳат?
Чанде дар тан хорам ҳаст,
Ҳамон қадар корам ҳаст.
Ханда заду гуфт Санҷоб:
– Кор доштаӣ беҳисоб.
Хорпуштаки меҳрубон,
Бирав, зи корат намон.
Чӣ хуб, ки ман Санҷобам,
Гаҳ бозиву гаҳ хобам.
На дар пуштам хор дорам,
На тоқати кор дорам!

## ДӮСТИ БЕҲТАРИН

Бо вай як ҷо нишинам,
Тани танҳо нишинам.
Аз ӯ дил гирад ором,
Пухта шавӣ, бошӣ хом.
Рафиқе сар то по панд,
Надорад ҳилаву фанд.
Китобаки безабон,
Омӯзад чандин забон.
Ёдам диҳад беовоз,
Суруду нағмаву соз.
Аз кимиёву ҳисоб,
Чӣ гӯяд сухан? Китоб!
Хоҳам барад ба кайҳон,
Сӯи «Роҳи каҳкашон».
Ба ӯ рӯи Маҳ шинам,
Зӯҳраю Парвин бинам.
Китоб ҳамдами мост,
Беҳ аз сад ҷаҳоннамост.
З-ин рӯ гирам ба дастам,
Ҳамеша бо вай ҳастам.

## ОҲУЯКИ МАСТИ МАН
### (Шеър-чистон)

Рӯи оҳу саворам,
Аз шодӣ бол барорам,
Оҳуяки масти ман,
Майли ӯ ба дасти ман.
Ҳар ҷо хоҳам мебарад,
Меҷаҳаду мепарад.
Рафтем бо ӯ ба саҳро,
Сонӣ бар лаби дарё,
Ҳар ду кардем тоз-тозӣ
Ҳар ду кардем оббозӣ...
Шом оҳу бо ман омад,
Ба ҷогаҳам даромад.
Хаста буду «вой» нагуфт
«Танг аст ба ман ҷой» нагуфт.
Гар донӣ ин оҳу чист,
Бар ман ҷавобаш фирист.

*(Пой)*

## ШОХДОРАК
### (Шеър-чистон)

Шоххои қатор дорад
Дар шохакаш бор орад.
Шохдораки бечора
Бепо бувад чӣ чора?
Гар пои равон медошт,
Дар тани худ ҷон медошт,
Дар як гӯша намехуфт,
«О-ҳо ман зӯрам» мегуфт.
Ҷангалу саҳро мерафт,
Бо шохи боло мерафт.
Шохдорак равад ба кор
Ба китфи бобом савор.

*(Панҷшоха)*

## ЧИСТОНҲО

Бо ранги заъфаронӣ
Ӯ доимо хандон аст,
Надорад чашму абрӯ,
Рӯяш пури дандон аст.

*(Офтобпараст)*

Гирд аст монанди моҳ,
Ғелида меравад роҳ,
Аз момо гурезон аст,
Аз бобо гурезон аст.
Гурезон аст аз хона,
Хонааш дар афсона.

*(Кулчача)*

Тобистону зимистон
Меистад дар рӯи бом,
То дар хона нишаста,
Кино бубинад бобом.

*(Антеннаи телевизор)*

Калон аст мисли хона
Калон бувад варо гӯш,
Бо ин ҳама бузургӣ
Бечора тарсад аз муш.

*(Фил)*

Парвози ӯро на ту,
На ману бобо дида,
Гоҳе ҳама мегӯем:
Шаб аз чашмам парида.

*(Хоб)*

Ором, бе шарфаи по
Ҳар шаб ояд назди мо,
Нодида рӯи моҳаш
Шодон равем ҳамроҳаш.
Вай табиби варзида,
Ҷояш болои дида.

*(Хоб)*

Аз ду даричаи во
Дунё кунӣ тамошо,
Ҳар гоҳ ки шавӣ хаста
Худ ба худ шавад баста.

*(Чашм)*

Пешгаҳи хонаи мо
Менишинад ба роҳат,
Худ дар як ҷо истода,
Моро барад саёҳат.

*(Телевизор)*

Аз гул ба гул мешинад,
Гарде зи гул мечинад.
Шод аст, аммо бечора,
Умри каме мебинад.

*(Шоҳпарак)*

Чист он ки дар тани мо,
Беш аз ҳама ғамхор аст.
Шабҳо моро хобонад,
Аммо худаш бедор аст?

*(Дил)*

## ТЕЗГӮЯКҲО

Чумчуқаке дар Чирчиқ
Чириққас зад: – Чиқ-чириқ,
Чумчуқҷӯра, бошӣ зиқ,
Чиқ-чириқ, биё Чирчиқ.

* * *

Тафдони мо тафс дорад
Ҳафт фатири ғафс дорад.

* * *

Муродҷӯра хӯр муруд,
Мурудҳои Мағмуруд.

* * *

Дар пушта дидам Хорпушт
Себ дар пушту нок дар мушт.

## МУНДАРИЧА

Маҳинабонуи мо .......... 3
Базми наврӯзӣ .......... 4
Падарҷон .......... 5
Дар сари хон .......... 6
Комронҷони ноздона .......... 7
Боғи Шамол .......... 8
Дарёбод .......... 10
Танбал .......... 11
Гурбачаи ман .......... 12
Бобо омад аз сафар .......... 13
Аммаҷони ҷонона .......... 15
Хоб омад .......... 16
Растаи гул .......... 17
Турна .......... 18
Консерт .......... 19
Бибиҷони садсола .......... 20
Гиря кунам, ё ки не? .......... 21
Киштича .......... 22
Беҳунар .......... 23
Усто Хуршед .......... 24
Гилаҳоят ба дида .......... 26
Давоми умри модар .......... 27
Чашмони бодом .......... 28
Духтараки бозингар .......... 29
Салом .......... 30